Машқи 1.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, феълҳои зеринро хонед. Онҳоро аз ёд кунед:

Йактубу – вай (ҷ.м.) менависад, йарсуму – вай(ҷ.м.) расм мекашад, йақра’у – вай (ҷ.м.) мехонад, йасмаъу



Йақрау Йаъмалу Йашрабу

вай (ҷ.м.) гӯш мекунад, йашрабу – вай (ҷ.м.) менӯшад, йаъмалу – вай (ҷ.м.) кор мекунад, йалъабу - вай (ҷ.м.) бозӣ мекунад, йа’кулу – вай (ҷ.м.) хӯрок мехӯрад, йаҷмаъу-вай (ҷ.м.) ҷамъоварӣ мекунад.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед:

Ин кист? Ин талаба аст. Номаш чист? Номаш Мирзо аст. Мирзо чӣ кор мекунад? Вай менависад. Ин кист? Ин писар аст. Номаш чист? Номаш Солеҳ аст. Солеҳ чӣ кор мекунад? Солеҳ расм мекашад.

Вазифаи хонагӣ:

Ба гӯяндаи калимаҳо ва ибораҳои зерини арабӣ бодиққат гӯш кунед ки, чӣ тавр ӯ талаффуз мекунад. Шумо онҳоро ҳамон қадар такрор намоед, ки талаффузи шумо монанди талаффузи гӯянда гардад.

ص ص ص ص ص

ДАРСИ 46



Машқи 1.Ба талаффузи гӯянда монанд карда, ҷумлаҳои зеринро хонед:

’Ат-тилмӣзу йактубу. ’Ал-ӯаладу йарсуму. ’Ал-ҷадду йасмаъу. ’Ал-’абу йақра’у. ’Ал-ъāмилу йаъмалу. ’Аṭ-ṭифлу йалъабу.

Машқи 2. Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед:

Талаба менависад. Писар расм мекашад. Бобо гӯш мекунад. Падар мехонад. Коргар кор мекунад. Кӯдак бозӣ мекунад.

Машқи 3. Ба расм нигоҳ карда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Ман ҳāзā ? Ма-смуҳу? Māзā йаъмалу-ṭ-ṭифлу?

Вазифаи хонагӣ:

Машқҳои 1 ва 3.

ص ص ص ص ص

ДАРСИ 47

مَاذا تَعْمَلُ؟

Māẓā таъмалу?
Вай (ҷ.з.) чӣ кор мекунад?

Тактубу

Тарсуму

Таъмалу

Тасмаъу

Такра’у

Тадхулу

Талъабу

Машқи 1. Қоидаи талаффузи феълҳои зеринро риоя карда, хонед. Онҳоро аз ёд кунед:
Тактубу - вай (ҷ.з.) менависад, тарсуму - вай (ҷ.з.) расм мекашад, тасмаъу - вай (ҷ.з.) гӯш мекунад, йақра'у - вай(ҷ.з.) мехонад, таъмалу - вай (ҷ.з.) кор мекунад, та'кулу- вай (ҷ.з.) хӯрок мехӯрад, ташрабу - вай (ҷ.з.) менӯшад, талъабу -вай (ҷ.з.) бозӣ мекунад, тадхулу – вай (ҷ.з.) медарояд.

Машқи 2.Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:
Māẓā таъмалу –т-тилмīẓату? Māẓā таъмалу –л-ҷаддату? Māẓā таъмалул-'умму? Māẓā таъмалу-л-ъāмилату? Māẓā таъмалу-ṭ-ṭифлату?

Вазифаи хонагӣ:
Машқҳои 1 ва 2.

ص ص ص ص

ДАРСИ 48

Машқи 1. Ба расм нигоҳ карда, ҳикоя тартиб диҳед.

Машқи 2. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:
Ҳал ҳāз̱иҳи ғурфат(ун)? Ман ҳāз̱иҳи? Ма-смуҳā? Мāз̱ā таъмалу?

Машқи 3.Ҷумлаҳои зеринро тарҷума кунед:
Ин толиба аст. Номаш Лайло аст. Вай менависад. Ин коргарзан аст. Номаш Маҳбуба аст. Вай кор мекунад.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 49

Машқи 1. Нақл кунед, дар расм кӣ тасвир шудааст? Онҳо ба чӣ кор машғуланд?

ط ط ط ط ط ط

Машқи 2.Номбар кунед, дар расм чӣ тасвир ёфтааст.

Машқи 3.Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:
Māʒā йаъмалу-л-’абу? Māʒā йаъмалу-л-ҷадду? Māʒā таъмалу-л-ҷаддату? Māʒā таъмалу-л-’умму? Māʒā йаъмалу-л-’ибну? Māʒā таъмалу-л-бинту? Māʒā таъмалу-ṭ-ṭифлату?

Вазифаи хонаги:

Ба расм нигоҳ карда, ҳикоя тартиб диҳед.

ь ь ь ь ь ь

ДАРСИ 50

إلي أيْنَ؟

’Илā ’айна?
Ба куҷо?

’Илā -л-мадрасати

’Илā -л- мактабати



’Илā -л-маҫнаъи

ДАРСИ 51

Ҷумлаи феълӣ

Феъл дар ҷумлаи феълӣ пеш аз фоил дар шумораи танҳо омада, дар ҷинс бо мубтадо мувофиқат мекунад:

Йаз̲ҳабу –т-тилмӣз̲у ’илā-л-мадрасати . Таз̲ҳабу-т-тилмӣз̲ату ’илā-л-мадрасати.

Машқи1. Ба талаффузи гӯянда монанд карда, ҷумлаҳои зеринро хонед:

Йаз̲ҳабу ’Аḥмад ’илā-л-мадрасати. Таз̲ҳабу Ъазӣза ’илā-л-мадрасати. Йаз̲ҳабу-л-муъаллиму ’илā-л-мактабати. Йаз̲ҳабу-т-тилмӣз̲у ’илā-л-мактабати. Таз̲ҳабу-л-муъаллимату ’илā-л-мадрасати. Йаз̲ҳабу-л-ъāмилу ’илā-л-маc̲наъи. Таз̲ҳабу-л-ъāмилату ’илā-л-маc̲наъи.

ДАРСИ 52



’Ат-тилмӣз̲у

Машқи 2.Ба расмҳои болоӣ нигоҳ карда, саволҳои муносиб тартиб диҳед.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 2.

ʼАт-талāмӣзу



ʼАл-ъāмилу

Машқи 1. Ҷамъи калимаҳои зеринро аз ёд кунед:

Талāмīз̱у-талабаҳо, тилмīз̱āт(ун)-толибаҳо, муъаллимӯна-муаллимон, муъаллимāт(ун)-муаллимаҳо, фаллāҳ̣ӯна-деҳқонон, фаллāҳ̣āтун – деҳқонзанон.



Йаъмалу-т-талāмīз̱у фī-л-ҳ̣адīқати

Машқи 2. Ба қоидаи талаффузи овозҳои арабӣ риоя карда, ҷумлаҳои зеринро хонед: Йаз̱ҳабу-л-муъаллимӯна ’илā-л-мадрасати. Таз̱ҳабу-л-муъаллимāту ’илā-л-мадрасати. Йақра’у-т-талāмиз̱у кутуб(ан). Йаҷмаъу-л-фаллāҳ̣ӯна-л-қуṭна. Таҷмаъу-л-фаллāҳ̣āту-л-қуṭна.

Вазифаи хонагӣ:

Ба гӯяндаи калимаҳо ва ибораҳои зерини арабӣ бодиққат гӯш кунед ки, чӣ тавр ӯ талаффуз мекунад. Шумо онҳоро ҳамон қадар такрор намоед, ки талаффузи шумо мисли талаффузи гӯянда шавад.

ـح ـح ـح ـح ـح ـح

Йаҷмаъу-л-фаллāҳ̣ӯна-л-қуṭна

ДАРСИ 53

Машқи1.Талаффузи овозҳои арабиро ба назар дошта, калимаҳои зеринро хонед:

Ҳāз̲ā, ҳāз̲иҳи, тилмīз̲ (ун), тилмīз̲ат(ун), ṭабīб(ун), ṭабībат(ун), миҳфаз̣ат(ун), мисṭаратун, харīṭат(ун), ṭāўилат(ун), ṭабақ(ун), қуṭн(ун), ъāмил(ун), муъаллим(ун), фаллāҳ̣(ун), милъақат(ун)

Машқи 2. Калимаҳои дар машқи 1 омадаро истифода бурда, ба забони арабī 5 ҷумла тартиб диҳед.

Вазифаи хонагī:

Машқҳои 1 ва 2.

ح ح ح ح ح ح

ДАРСИ 54

Ибораи изофӣ

Ҳангоме, ки исм бо исми дигар муайян карда мешавад, исми якум дар ҳолати изофӣ меояд: на артикл қабул мекунаду на танвин. Исми дуюм бошад, маҷрур шуда меояд: байту ъāмил(ин)-хонаи коргар, китāбу-л-муъаллими-китоби муаллим, сā’иқу ҷаррāрат(ин) – тракторчӣ, ронандаи трактор, ’ибрīқу шāй(ин) - чойник

Машқи 1.Ибораҳои зеринро саҳеҳ талаффуз карда, хонед. Онҳоро аз ёд кунед:

Байту ъāмил(ин), майдāну-л-мадīнати – майдони шаҳр, китāбу-л-муъаллими, ҳадīқату-л-ҳайўāнāти – боғи ҳайвонот, шāриъу-л-мадīнати – кӯчаи шаҳр, ҳақлу-л-қуṭни – саҳрои пахта, ғурфату-д-дирāсати-синф, дарсхона, раффу-н-нāфизати – зертахтаи тиреза, сā’иқу ҷаррāрат(ин) – тракторчӣ, тракторрон.

Машқи 2. Нақл кунед, дар расм кӣ тасвир ёфтааст? Онҳо ба чӣ кор машғуланд?

Ҳақлу-л-қуṭни



Сā’иқу-л-ҷаррāрати

Вазифаи хонагӣ:

Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 55

Муайянкунанда

Ҳангоме, исм бо сифат муайян карда мешавад, дар он сурат муайянкунанда баъд аз муайяншаванда омада, бо вай дар ҳолат, ҷинсият, шумора ва эъроб мувофиқат мекунад: китāб(ун) ҷадӣд(ун)-китоби нав, ’ал-луғату-л-ъарабиййату - забони арабӣ, ’ал-байту-л-кабӣру – хонаи калон, фӣ-л-байти-л-кабӣри-дар хонаи калон.

Машқи 1.Ба талаффузи гӯянда монанд карда, ҷумлаҳои зеринро хонед:

Ҳунā байт(ун) кабӣр(ун) ўа ҳунāка байт(ун) ṣағӣр(ун). Ҳāз̲иҳи ḥадӣқат(ун) ҷамӣлат(ун). Ҳāз̲ā наҳр(ун)

ح ح ح ـحـ ـحـ ـحـ

кабӣр(ун). Ҳāзā қалам(ун) ’аҳмару. Ҳāзиҳи миҳфазат(ун) зарқā’у.

Машқи 2.Калимаҳои зеринро аз ёд кунед: Кабӣр(ун)-калон, ҫағӣр(ун)-хурд, ҷамӣл(ун) -зебо, ҭаӯӣл(ун)-дароз, қаҫӣр(ун)-кӯтоҳ.

Машқи 2.Дар расмҳо чӣ кашида шудааст? Номи онҳоро истифода бурда, ибораҳои сифатӣ тартиб диҳед, монанди: хонаи калон, себи сурх.

Машқи 3. Ибораҳо ва ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ гӯед:

Забони арабӣ. Забони тоҷикӣ. Забони русӣ. Ман талаба мебошам. Ин хонаи калон аст. Ин себи сурх аст. Ин гули зебо аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ي ي ي ي ي ي

ДАРСИ 56

Ҳāзā намр(ун)



Ḥадīқату-л-ḥайўāнāт

Ҳāзā ’асад(ун) ўа ҳāзā дубб(ун)

Ҳāзиҳи зурāфат(ун)

Ҳāзā суъбāн(ун)

Ҳāзā ҷамал(ун)

Ҳāзā ṭāўӯс(ун)

Ҳāзā қирд(ун)



Ҳāзā фӣл(ун)

Машқи 1.Талаффузи калимаҳои зеринро риоя кунед: ’Асад(ун)-шер, ҷамал(ун)-шутур, ғазāл(ун)-оҳу, ҳадīқату-л-ҳайўāнāти, ṭāўўс(ун)-товус, қирд(ун)-маймун, фīл(ун)-фил,

Вазифаи хонагī:

Дар бораи боғи ҳайвоноти шаҳратон нақл кунед.

ДАРСИ 57

Бозичаҳо



ى ى ى ى ى ى













Машқи 1.Калимаҳои зеринро саҳеҳ талаффуз карда хонед:
Луъбат(ун) – зоча, курат(ун)-тӯб, саййārат(ун)-мошин, дубб(ун)-хирс, ’арнаб(ун)-харгӯш, фӣл(ун) –фил, ḍафдаъ(ун)- қурбоққа, мукаъъабат(ун)- чоркунҷа фарах(ун)-чӯҷа, ṭā’ират(ун)-самолёт.

Машқи 2.Дар бораи бозичаҳо 5 ҷумла тартиб диҳед.

Вазифаи хонагӣ:

Машққҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 58

Машқи 1. Ба талаффузи гӯянда монанд карда, шеъри зеринро хонед. Онро аз ёд кунед:

Луъбатӣ ẓарӣфат(ун)
Ҷамӣлат(ун) наẓӣфат(ун)
Луъбатӣ лаṭӣфат(ун)
Талбасу –л-қаṭӣфата

Машқи 2.Калимаҳои навро аз ёд кунед:
ẓарӣфат(ун)-зариф, ҷамӣлат(ун)-зебо, наẓӣфат(ун)-тозаву озода, лаṭӣфат(ун)-шавқовар, талбасу-мепӯшад, қаṭӣфат(ун)-куртаи бахмалӣ

Вазифаи хонагӣ:

Дар бораи бозичаи дӯстдоштаи худ нақл кунед.

ДАРСИ 59



Машқи 1.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калима ва ҷумлаҳои зеринро хонед:

Шāриъ(ун)-кӯча, ҳāфилат(ун) автобус. Ҳазиҳи мадīнат(ун) кабīрат(ун). Ҳунā майдāн(ун) кабīр(ун) ўа ҷамīл(ун). Ҳунā ҳāфилат(ун) кабīрат(ун) ўа ҳунāка саййāрат(ун) ṣағīрат(ун). ’Ал-ҳāфилату ҳамрā’у ўа-с-саййāрату зарқā’у. Ҳāзиҳи шаҷарат(ун). Ҳийа хадра’у.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ гӯед.

Ин шаҳри калон аст. Ин майдони васеъ аст. Ин кӯчаи калон аст. Онҷо мактаб аст. Ин мактаби нав аст. Ин боғ аст. Дар боғ дарахт ҳаст. Ин дарахти баланд аст. Ин гули сурх аст.

Вазифаи хонагӣ:

Ба расм нигоҳ карда, ҳикоя тартиб диҳед.

ДАРСИ 60

Ра’с(ун)

Ўачҳ(ун)



Лисāн(ун)

’Уз̲н(ун)

Ричл(ун)

Йад(ун)

Фам(ун) ўа ’аснāн(ун)

’анф(ун)



Шафатāни

Машқи 1.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед. Онҳоро аз ёд кунед: Ра’с (ун)-сар, ўачҳ(ун) – рӯ, ’уз̲н(ун)-гӯш, ъайн(ун) – чашм, ’анф(ун)-бинӣ, фам(ун)-даҳан, шаър(ун) –мӯи сар,

ҳ̣āҷиб – абрӯ, рақабат(ун) –гардан, йад(ун)-даст, ричл(ун)-пой, ṣадр(ун)-сари дил, қалб(ун)-дил.

Машқи 2.Ба расм нигоҳ карда, гӯед, дар он чӣ тасвир ёфтааст?

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 61

Машқи 1. Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ тарҷума кунед:

Ман талаба мебошам. Номи ман Фарҳод аст. Ман китоб дорам. Китоби ман нав аст. Дар китоб расм ҳаст. Талаба китоб мехонад. Ин кӯҳ аст ва ин дарё аст. Ин киштзор аст. Деҳқон дар киштзор кор мекунад. Вазифаи хонагӣ. Ман дӯсти қадим дорам. Вай талаба мебошад. Номаш Аҳмад аст. Аҳмад дар мактаб забони арабӣ меомӯзад. Аҳмад талабаи боғайрат аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСҲОИ 62-68 (такрор)

Калимаҳои зеринро ба забони арабӣ гӯед ва онҳоро истифода бурда, ибора ва ҷумлаҳои гуногун тартиб диҳед:

Абрӯ, автобус, ангур, анор, асп, ба куҷо, байрақ, баланд, банан, бародар, боғайрат, бахмал, бибӣ, бинӣ, бисёр, биҳӣ, блуза, бобо, бодиринг, бозича, бозӣ

мекунад, бозор, боғ, боғи ҳайвонот, буз, булбул, бӯр, ва, вай (ҷ.м.), вай (ҷ.з.), варақ, васеъ, газета, гардан, гилем, гир, гов, гул, гулкарам, гурба, гӯсфанд, гӯш мекунад, гӯшт, дар, дар (пешоянод), дар болои, дар назди, дарахт, дарё, даро, дароз, дарс, дарсхона, даст, дафтар, даҳан (даҳон), девор, деҳқон-деҳқонҳо, деҳқонзан-деҳқонзанҳо, диван, дил, доска, дур, духтар, духтарча, духтур, духтурзан, душвор, дӯст, забон, забони арабӣ, забони русӣ, забони тоҷикӣ, завод, замин, зард, зардолу, зариф, заррофа, зебо, зертахтаи тиреза, ин (ҷ.м.), ин (ҷ.з.), ин чист (ҷ.м.)?, ин чист (ҷ.з.)? ин ҷо, инженер, инчунин, кабуд (ҷ.м. ва ҷ.з.), каду, калон, карам, картошка, кат, китоб, китобхона, киштзор, колбаса, кор мекунад(ҷ.м.), кор мекунад (ҷ.з.), коргар-коргарон, коргарзан, корд, кубик, курсӣ, курта, куҷо? кӯдак, кӯтоҳ, кӯча, кӯҳ, кӯҳна, лаблабу, латиф, латта, лиму, лӯхтак, майдон, маймун, мактаб, ман, мандарин, менависад (ҷ.м.), менависад (ҷ.з.), меомӯзад (ҷ.м.), меомӯзад (ҷ.з.), мепӯшад (ҷ.з.), меравад (ҷ.м.), меравад (ҷ.з.), миз, мизи хатнависӣ, мизи хӯрокхӯрӣ, мехонад (ҷ.м.), мехонад (ҷ.з.), модар, мор, мошинча, муаллим-муаллимон, муаллима-муаллимаҳо, мурғ, мӯй (мӯйсар), нав, наздик, нахӯд, не, нест, нимтана, нок, номи вай (ҷ.м.), номи вай (ҷ.з.), номи ман, номи ту (ҷ.м.), номи ту (ҷ.з.), нон, об, оё, озода, оина, олу, олуболу, он ҷо, оре, осмон, осон, офтоб, оҳу, падар, пайпоқ, панир, парда, пахта, печенье, пиёз, пиёла, писар, пичақ, пой, пойафзол, помидор, портфел, равған, радио, расм, расм мекашад (ҷ.м.), расм мекашад (ҷ.з.), рӯ, рӯмол, сабз (ҷ.м. ва ҷ.з.), сабзӣ, саг, садбарг, салом,сар, сари дил,

сафед (ҷ.м. ва ҷ.з.), себ, сиёҳ (ҷ.м. ва ҷ.з.), синф, сир, стакан, соат, стол, сурат, сурх (ҷ.м. ва ҷ.з.), табақ, талаба-талабаҳо, тарбуз, тахта,телевизор, тиреза, товус, толиба-толибаҳо, трактoрчӣ, ту (ҷ.м.), ту (ҷ.з.), тути заминӣ, тухм, тӯб, тӯтӣ, фил, фоиданок, хаткашак, хар, харита, харгӯш, хайр, хез, хирс, хона, хоҳар, хурд, хурӯс, хӯрок мехӯрад (ҷ.м.), хӯрок мехӯрад (ҷ.з.), чангол, чароғ, чашм, чӣ? чой, чойник (чойҷӯш), чуҷа, шавқовар, шакар, шалғамча, шафтолу,шаҳр, шер, шим, шин, шир, шифт, шкаф, шутур, юбка, қалам, қаламдон, қанд, қаҳва, қоз, қолин, қошуқ, қурбоққа, ҷадвал, ҷевон, ҷӯра, ҷуроб, ҳасиб, ҳуҷра, ҳайкал, ҷамъоварӣ мекунад(ҷ.м. ва ҷ.з.)





Фӣ-ҫ-ҫайфи

АЛИФБОИ АРАБӢ

ا

’Алиф(ун)

ب

Бā’(ун)

ت

Тā’ (ун)

ث

С̲ā’ (ун)

ج

Ҷӣм(ун)

ح

Ḫā’(ун)

خ

Хā’(ун)



د

Дāл(ун)

ذ

Ẕāл(ун)

ر

Рā’(ун)

ز

Зā’(ун)

Сӣн(ун)

Шӣн(ун)



Ṣād(ун)

Ḍād(ун)

Ṭā’(ун)

Ẓā’(ун)

Ъайн(ун)

Ғайн(ун)



Фā’(ун)



Қāф(ун)



Кāф(ун)

ل

Лāм(ун)

م

Мӣм(ун)

ن

Нӯн(ун)

ه

Ҳā(ун)

و

Ўāў(ун)

ي

Йā’(ун)

СИНФИ ШАШУМ

КУРСИ АСОСӢ

ХОНДАН ВА НАВИШТАН

ДАРСИ 1 (أَلدَّرْسُ الأَوَّلُ)



’Алиф(ун) ا ـا

Д Дāл(ун) د ـد

Дар забони арабӣ садонокҳои кӯтоҳ ба воситаи аломат дар боло ё дар поёни ҳамсадоҳо ишора карда

мешаванд. Ин садонокҳои кӯтоҳро ҳаракат меноманд: *а*-и кӯтоҳ ـَ (фатҳа), *и*-и кӯтоҳ ـِ (касра), *у*-и кӯтоҳ ـُ (дамма): دَ (да), دِ (ди), دُ (ду).

Ҳарфи **’алиф** барои ифода кардани *а*-и дароз (ā) истифода бурда мешавад: دادا (дāдā)

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфҳои зеринро ба дафтаратон нависед:

ا ا ـا ـا د د ـد ـد

Машқи 2.Ҳарфҳои зеринро талаффуз кунед:

دَدَدَ ددد دُدُدُ دادا

دَددُ دِدَدُ دُددَ دادا

Машқи 3.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ гӯед:

Ин дафтар аст. Ин мактаб аст. Ин равған аст. Ин писар аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 2 (أَلدَّرْسُ الثَّانِي)

Р Рā’(ун) ر ـر

رَ رَ رَ

رِ رِ رِ

رُ رُ رُ

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ر ـر ـر ر ر ر

Машқи 2.Ҳарфҳои зеринро талаффуз кунед:

رَرَ رِرِ رُرُ رِرَ رَرُ

Машқи 3.Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда, ба дафтаратон нависед:

дар, дара, дур, дир.

Машқи 4.Ба забони арабӣ гӯед: Ин курсӣ аст, Ин дарахт аст. Ин дафтар аст. Ин харита аст. Ин мактаб аст. Ин гул аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 2 ва 3.

ДАРСИ 3 (أَلدَّرْسُ الثالِثُ)

З Зā’(ун) ز ـز

زَزَزَ

زِزِزِ

زُزُزُ

Машқи 1:Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ز ز ز ـز ـز ـز

Машқи 2.Шаклҳои зеринро хонед:

زَزَزَ زِزِزِ زُزُزُ زادَ دارَ

Машқи 3.Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда ба дафтаратон нависед:

зар, зāра, зир,зур, зуд, зид, рāда, дāра, дур.

Машқи 4.Ба забони арабӣ гӯед:

Ин тӯби кабуд аст. Ин равған аст. Номи ман Зайнаб аст. Номи ман Зоҳид аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 3 ва 4.

ДАРСИ 4 (أَلدَّرْسُ الرابِعُ)

زادَ зиёд шудан

زارَ зиёрат кардан

دارٌ хона

زادٌ хӯрок

Дар охири исму сифатҳои номуайян аломатҳои зерин гузошта мешаванд: ٌ– (ун) ً– (ин) ً– (ан): دارٌ

Машқи 1.Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда ба дафтаратон нависед:

дар, дир, дур, зид, зуд, зад, зāда зар, зир, зур, раз, риз, руз, дарура, зурида, дазиру, дарара, дируза, зарида, зара, зāра, дāра.

Машқи 2.Калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

زادٌ زارَ زادَ دارٌ

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСИ 5 (أَلدَّرْسُ الخامِسُ)

Ў Ўāў (ун) و ـو

وِدادٌ дустӣ

Аломати ْ (сукун).

Ин аломат дар болои кадом ҳарфе, ки гузошта шавад, он ҳарф садонок қабул намекунад:

وَرْدٌ гул, وِزْرٌ мушкилӣ, دَوْرٌ давра, وَ ва (пешоянд)

Машқи 1.Калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

دَوْرٌ وَرْدٌ وِدادٌ وِزْرٌ وَرَدَ زارا زارَ زادَ زادا دارٌ.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ гӯед:

Ин гул аст. Ин хона аст. Ин писар аст. Номи вай Валӣ аст.

Машқи 3.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

و ـو

Машқи 4.Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда ба дафтаратон нависед:

Ўидād (ун), ўард (ун), ўизр (ун), даўр (ун), дāр (ун) , зāра, зāда.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 3 ва 4.

ДАРСИ 6 (أَلدَّرْسُ السَّادِسُ)

ّ

Аломати (ташдид)

Ин аломат ба болои кадом ҳарфе, ки гузошта шавад, он ҳарф ду бор талаффуз карда мешавад:

دُرٌّ гавҳар وُدٌّ дустӣ وَزٌّ ғоз

زِرٌّ тугма رَدَّ ҷавоб гардондан



زِرٌّ دُرٌّ وَزٌّ

Машқи 1.Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед:

دُرٌّ زِرٌّ وَزٌّ وُدٌّ

Машқи 2. Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда ба дафтаратон нависед:

Дāр (ун), даўр (ун), дурр (ун), ўизр (ун), ўазз (ун), ўидāд (ун), зирр (ун), зāра, ўудд (ун).

Машқи 3. Ба забони арабӣ гӯед:

Ин ғоз аст. Ин тугма аст. Ин тӯб аст. Ин гурба аст.

Машқи 4. Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ا د ر ز و

Вазифаи хонагӣ: Машқи 2.

ДАРСИ 7 (أَلدَّرْسُ السَّابِعُ)

Ҳ Ҳā’(ун) ه ـهـ ـهـ ـه ه

هَ هِ هُ هَـهِـهُ

هُدْهُدٌ ҳудҳуд, هِرٌّ гурба, هُوَ вай (ч.м.), زَهْرٌ гул,

زاهِد Зоҳид(номи писар), زَهْرا Заҳро (номи духтар)

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ه ـه ـهـ ـهـ ه

Машқи 2.Ба забони арабӣ гӯед:

Вай талаба аст. Номи вай Зоҳид аст. Номи ман Зайнаб аст. Оё ту талабаӣ? Оре, ман талабаам.

Машқи 3.Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед:

هِرٌّ هُدْهُدٌ زُهْرا هُوَ زاهِدٌ

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 3.

هِرٌّ

هُدْهُدٌ

زاهِد

زَهْراءُ

ДАРСИ 8 (أَلدَّرْسُ الثَّامِنُ)

З З̄ал (ун) ذ ـذ

هذه ин (ч.з.) هذا ин (ч.м.)

هذا وَزٌّ

هذا دارٌ

هذا...



هَذا زَهْرٌ

هذه...

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ذ ذ ذ ـذ ـذ ـذ

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро тарҷума кунед ва ба дафтаратон нависед:

Ин ғоз аст. Ин тугма аст. Ин гул аст. Ин ҳудҳуд аст.

Машқи 3. Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ا د ذ ر ز و ه

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 9 (أَلدَّرْسُ التَّاسِعُ)

М Мӣм(ун) م مـ ـمـ ـم

ماذا؟ ما ؟ чӣ?

ما هذا؟ ин чист (ч.м.)?

ما هذه ؟ ин чист (ч.з.)?

مَوْزٌ моҳир,مُراد Мурод(номи писар), хоҳиш; ماهِرٌ банан

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

م مـ ـمـ ـم

Машқи 2: Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

ما هذا ؟ هذا زَهْرٌ. ما هذا ؟ هذا وَزٌّ . ما هذا؟ هذا زِرٌّ .

Машқи 3: Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ гӯед:

Ин (ҷ.м.) чист? Ин китоб аст. Ин (ҷ. м.) чист? Ин дафтар аст. Ин чист (ҷ.з.)? Ин мактаб аст.

Машқи 4. Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ه م ز ذ

Машқи 5. Ба ҳарфҳои арабӣ баргардонда ба дафтаратон нависед:

Māҳир (ун), ӯард (ун), ӯазз (ун), заҳр (ун), ҳудҳуд (ун)

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 2 ва 5.

ДАРСИ 10 (أَلدَّرْسُ العاشِرُ)

Б Бā ’(ун) ب بـ ـبـ ـب

بَدْرٌ моҳи пурра, دَرْبٌ роҳ,

بارِدٌ хунук

ذُبابٌ



بابٌ

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ب ـبـ ـبـ ـب

Машқи 2. Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, ҷумлаҳои зеринро хонед. Онҳоро ба дафтаратон нависед:

ما هذا؟ هذا بَدْرٌ. ما هذا؟ هذا بابٌ. ما هذا؟ هذا دَرْبٌ.

Машқи 3.Ба забони арабӣ гӯед:

Ин роҳ аст. Ин дар аст. Ин чист? Ин моҳи пурра аст.

Вай талаба аст. Номаш Баҳром аст. Вай дар китобхона аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2 .

ДАРСИ 11 (أَلدَّرْسُ الحادِىَ عَشَرَ)

T Tā ’(ун) ت تـ ـتـ ـت

تُرابٌ хок تَمْرٌ хурмо



Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ت تـ ـتـ ـت

Машқи 2.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда ҷумлаҳои зеринро хонед. Онҳоро ба дафтаратон нависед:

هذا دَرْبٌ. هذا تَمْرٌ. هذا بَدْرٌ. هذا بابٌ.

Машқи 3.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ гӯед:

Ту кистӣ (ҷ.м.) ? Ман талабаам. Номи ту чист? Номи ман Баҳром аст. Ин китобхона аст. Ин китоб аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

مُراد وَبَهْرام

ДАРСИ 12 (أَلدَّرْسُ الثانِيَ عَشَرَ)

Н Нӯн(ун) ن نـ ـنـ ـن

هُنا ин ҷо, مَنْ ? кист?

نادِرٌ камёб, نَهْرٌ дарё,

بِنْتٌ духтар,

نَباتٌ растанӣ, رُمَّانٌ анор,

نادِرَة Нодира (номи духтар)

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ن نـ ـنـ ـن

Машқи 2. Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, ҷумлаҳои зеринро хонед. Онҳоро ба дафтаратон нависед:

مَنْ هذِهِ؟ هذِهِ بِنْتٌ. ما هذا؟ هذا نَباتٌ. هذا نَباتٌ نادِرٌ . هذا نَهْرٌ. هذا وَزٌّ . هذا دَرْبٌ. هُنا دارٌ.

Машқи 3. Ҳарфҳои зеринро пайваст карда, ба дафтаратон нависед:

ن + ه + ر ت + ر + ا + ب ب + د + ر م + ا + ه + ر

ه + ن + ا

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 2 ва 3.

ДАРСИ 13 (أَلدَّرْسُ الثَّالِثَ عَشَرَ)

Тā-и марбута ة

ة ـــة

Дар забони арабӣ ду ҷинс вуҷуд дорад: ҷинси мардона ва ҷинси занона.

Исмҳои ҷинси занона дар охири худ «тā –и марбута» қабул мекунанд:

ذُبابَة магас, زُبْدَةٌ.равған, ذُرَةٌ ҷуворимакка,

ماهِرٌ – ماهِرَةٌ نادِرٌ – نادِرَةٌ

هِرٌّ – هِرَّةٌ وَرْدَةٌ

Ҳангоме, ки исм бо сифат муайян карда мешавад, дар он сурат муайянкунанда баъд аз муайяншаванда омада, бо вай дар ҷинсият мувофиқат мекунад:

نَباتٌ نادِرٌ растании камёб

وَرْدَةٌ نادِرَةٌ садбарги камёб

Машқи 1.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, ҷумлаҳои зеринро хонед ва тарҷума кунед. Онҳоро ба дафтаратон нависед:

هذا هِرٌّ نادِرٌ . هذا نَبات نادِرٌ . هذه هِرَّةٌ نادِرَةٌ. هذه بِنْتٌ. هذه ذُبابَة.

هذه زِرَّةٌ هذه وَرْدَةٌ هذه هِرَّةٌ



هذه... هذه...

Машқи 2.Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ا د ذ ر ز ه م ن ت ب

Машқи 3.Ҳарфҳои зеринро пайваст кунед:

ت+ن+ب ت+ا+ب+ن ر+د+ا +ن

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 14 (أَلدَّرْسُ الرَّابِعَ عَشَرَ)

ç çā’(ун) ث ـث ـثـ ثـ

ثَوْرٌ барзагов, ثَوْبٌ либос,

ثابِتٌ мустаҳкам, ثَوْمٌ сир

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ث ثـ ـثـ ـث

Машқи 2.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед:

دارٌ، وُدٌّ، وَزٌّ، زَهْرٌ، هُوَ، هذا، هذه، وَرْدٌ، ذُبابَةٌ، نَهْرٌ،

رُمّان، ماهِرٌ، هِرٌّ، ثَوبٌ، تَمْرٌ

Машқи 3.Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

هذا هِرٌّ. هُوَ هُنا. هذا هِرٌّ نادِرٌ . هذا ثومٌ. هذا نَباتٌ نادِرٌ.

Машқи 4. Ҳарфҳои зеринро пайваст карда, ба дафтаратон нависед:

ن+ا+م+م+ر م+و+ث ب+و+ث ت+ب+ا+ث

ر+ه+ا+م

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 3 ва 4.

ДАРСИ 15 (أَلدَّرْسُ الخامِسَ عَشَرَ)

Й Йā’(ун) ـي ـيـ ـيـ ي

مَيدانٌ майдон, بَيْتٌ хона,

يَدٌ даст, يَوْمٌ рӯз,

زَيْتٌ равған, زَيْدٌ Зайд, номи писар, هِيَ вай (ч.з.), زَيْنَب Зайнаб, номи духтар

Ҳарфи Йā’(ун) ى барои ифода кардани «и»-и дароз (ӣ) истифода бурда мешавад: تَرْتيبٌ тартиб,

تِينٌ анҷир, مَدِينَةٌ шаҳр, تَمْرِينٌ машқ

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ـي ـيـ ـيـ ي

Машқи 2.Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳо ва ҷумлаҳои зеринро хонед ва тарҷума кунед:

يَدٌ، بَيْتٌ، مَدِينَةٌ، مَيْدانٌ، تَرْتِيبٌ، تَمْرِينٌ . هذا بَيْتٌ. هُوَ هُنا . هذِهِ زَيْنَبُ . هِيَ ماهِرةٌ .

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 16 (أَلدَّرْسُ السَّادِسَ عَشَرَ)

Бандакҷонишинҳо
(ҷонишинҳои пайваст)
Бандакҷонишинҳо бо калимаи ба худ

тааллуқдошта якҷоя навишта шуда, вазифаи ҷонишини соҳибиро иҷро мекунанд .Ҳангоме, ки исм дар якҷоягӣ бо бандакҷонишин меояд, анҷомаи (ун) талаффуз карда намешавад:

шахси 1 танҳо

بَيْتٌ хона - بَيْتِي хонаи ман

مَدِينَةٌ шаҳр - مَدِينَتِي шаҳри ман

بِنْتٌ духтар - بِنْتِي духтари ман

يَدٌ даст - يَدِي дасти ман

Машқи 1.Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ гӯед:

Ин китоби ман (аст). Ин дафтари ман (аст). Ин портфели ман (аст). Ин харитаи ман (аст). Ин хонаи ман (аст).

Машқи 2.Ҳарфҳои зеринро пайваст карда нависед:

ب+ي+ت ب+ن+ت ب+ي+ت+ي ب+ن+ت+ي

ن+ا+د+ي+م م+د+ي+ن+ة

Вазифаи хонагӣ: Машқи 2.

ДАРСИ 17 (أَلدَّرْسُ السَّابِعَ عَشَرَ)

Аломати ء «ҳамзат (ун)»

أنا ман, أَنْتَ ту(ҷ.м.), أَنْتِ ту (ҷ.з.),

أبٌ падар, أُمٌّ модар, إمْرَأةٌ зан,

إِبْرَة сӯзан, أرْنَبٌ харгӯш , أرُزٌّ биринч



أرُزٌّ إبْرَةٌ أرْنَبٌ

Машқи 1. Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

إبْرَةٌ сӯзан, إمْرَأةٌ зан, أُمٌّ модар, أبٌ падар, أنْتِ ту(ч.з), أنْتَ ту(ч.з.), أنا ман

Машқи 2.Калимаҳои зеринро истифода бурда, ҷумла созед:

أنا، أنتَ، أنتِ، هُوَ، هِيَ، هذا، هذه

Машқи 3.Ҳарфҳои зеринро пайваст кунед:

ب+ي+ت ت+ا+ب+ن ب+ن+ت د+ي

Машқи 4. Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ا د ذ ر ز ه م ن ب ت ث ى

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 2 ва 3.

ДАРСИ 18 (أَلدَّرْسُ الثَّامِنَ عَشَرَ)

К К̄аф (ун) ك ـكـ ـك

كَبيرٌ калон, كِتابٌ китоб, كاتِبٌ нависанда,

كُرَةٌ тӯб, ديكٌ хурӯс, يَكْتُبُ вай (ч.м.) менависад,

كوبٌ стакан, هُنا كَ он ҷо, مَكْتَبَةٌ китобхона,

كُمَّثْرى нок, مَكْتوبٌ мактуб, كَثيرٌ бисёр

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ك ـكـ ـك

Машқи 2. Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

كِتابٌ، كاتِبٌ، كَبيرٌ، كَثيرٌ، كُرَةٌ، هُنا كَ، مَكْتَبَةٌ،

يَكْتُبُ، ديكٌ

Машқи 3.Калимаҳои зеринро истифода бурда,

ҷумла созед:

كِتابٌ، مَكْتَبَةٌ، ديكٌ، هُنا كَ، كُرَةٌ

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

يَكْتُبُ بَهْرامُ هذِهِ كُرَةٌ هذا كوبٌ

ДАРСИ 19 (أَلدَّرْسُ التَّاسِعَ عَشَرَ)

Машқи 1. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

هذِهِ زَيْنَبُ. هِيَ تَكْتُبُ. هذا بَهْرامُ. هُوَ يَكْتُبَ. هُنا زَيْدٌ.

هُنا كَ زُهْرا.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ тарҷума кунед:

Ин китоби ман. Ин хурӯси ман. Ин ҷо китобхона аст. Он ҷо хона аст. Ин хонаи калон аст. Ин китобхонаи калон аст.

Машқи 3. Ҳарфҳои зеринро пайваст карда, ба дафтаратон нависед:

ة+ب+ت+ك +م ب+ا+ت+ك ك+ا+ت+ب

ر+ي+ب+ك

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 3.

ДАРСИ 20 (أَلدَّرْسُ العِشْرونَ)

Бандакҷонишинҳои шахси П ва Ш танҳо

بَيْتُكَ хонаи ту (ҷ.м.) كِتابُكَ китоби ту (ҷ.м.)

بَيْتُكِ хонаи ту (ҷ.з.) كِتابُكِ китоби ту (ҷ.з.)

بَيْتُهُ хонаи вай (ҷ.м.) كِتابُهُ китоби вай (ҷ.м.)

بَيْتُها хонаи вай (ҷ.з.) كِتابُها китоби вай (ҷ.з.)

Машқи 1.Бандакҷонишинҳоро аз ёд кунед. Онҳоро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед:.

Оё ин китоби ту аст? Ope, ин китоби ман аст.
Оё ин хонаи ту аст? Ope, ин хонаи ман аст.

Ин хона аст. Ин хонаи калон аст. Ин хурӯс аст. Ин хурӯси ман аст. Ин харгӯш аст. Ин харгӯши ман аст.

Вазифаи хонагӣ. Машқҳои 1 ва 2.

هذا بَهْرام. هُوَ يَكْتُبُ .

هذِهِ زَيْنَبُ. هِيَ تَكْتُبُ.

هذا بيتٌ

هذا ديكٌ

هذا أرنبٌ

ДАРСИ 21 (أَلدَّرْسُ الحادِى وَالعِشْرونَ)



Л Лām (ун) ل ـل ـلـ لـ

بُلْبُلٌ булбул, لَيْلٌ шаб, بَلَدٌ мамлакат,

لَبَنٌ шир, تِلْميذٌ талаба, كَلْبٌ саг,

وَلَدٌ писар, أوَّلُ якум, يَأْكُلُ вай (ч.м.) хӯрок

мехӯрад, كَلِمَةٌ калима, تِلْميذَةٌ толиба, لَذيذٌ

бомаза, болаззат

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ل لـ ـلـ ـل

Машқи 2.Ба қоидаи талаффузи овозҳои арабӣ риоя карда, ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

هذا بَلَدٌ كَبيرٌ. هذا لَبَنٌ لَذيذٌ. هذا وَلَدٌ. هُوَ تِلْميذٌ. هُوَ يَكْتُبُ. هذا بُلْبُلٌ نادِرٌ. هُنا مَنْزِلٌ. هُوَ كَبيرٌ .

Машқи 3.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед:

Ин Баҳром. Вай талаба аст. Баҳром менависад.

Ин Зайнаб. Вай толиба аст. Зайнаб менависад.

Ин калима аст. Ин калимаи камёб аст.

Ин саг аст. Ин саги калон аст.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

هذا بُلْبُلٌ

هذا كَلْبٌ

هذه تِلْميذَةٌ

هذا تلميذٌ

هذا كتابٌ

هذا كوبٌ

هذا ديكٌ

هذا هِرٌّ

ДАРСИ 22 (أَلدَّرْسُ الثانِي وَالعِشْرونَ)

Ибораи соҳибият

(шумораи танҳо)

لي كِتابٌ ман китоб дорам.

لَكَ كِتابٌ ту (ҷ.м.) китоб дорӣ.

لَكِ كِتابٌ ту (ҷ.з.) китоб дорӣ.

لَهُ كِتابٌ вай (ҷ.м.) китоб дорад.

لَها كِتابٌ вай (ҷ.з.) китоб дорад.

Машқи 1. Ба ҷои нуқтаҳо ибораи соҳибии лозимиро гузоред:

كَلْبٌ …ман саг дорам

كَلْبٌ …ту (ҷ.м.) саг дорӣ.

كَلْبٌ … ту (ҷ.З.) саг дорӣ.

كَلْبٌ … вай (ҷ.м.) саг дорад.

كَلْبٌ …вай (ҷ.з.) саг дорад.

Машқи 2.Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ тарҷума кунед:

Оё ту китоб дорӣ? Оре, ман китоб дорам.
Оё вай (ҷ.м.) китоб дорад? Оре, вай китоб дорад.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2 .

ДАРСИ 23 (أَلدَّرْسُ الثَّالِثُ وَالعِشْرونَ)

Ибораи соҳибият (давомаш)

(шумораи ҷамъ)

لَنا بَيْتٌ мо хона дорем

لَكُمْ بيتٌ шумо (ҷ.м.) хона доред.

لَكُنَّ بيتٌ шумо (ҷ.з.) хона доред.

لَهُمْ بيتٌ онҳо (ҷ.м.) хона доранд.

لَهُنَّ بيتٌ онҳо (ҷ.з.) хона доранд.

Машқи 1. Ба ҷои нуқтаҳо ибораи соҳибии лозимиро гузоред:

هِرَّةٌ …мо гурба дорем

هِرَّةٌ …шумо (ҷ.м.) гурба доред.

هِرَّةٌ …шумо (ҷ.з.) гурба доред.

هِرَّةٌ …онҳо (ҷ.м.) гурба доранд.

هِرَّةٌ …онҳо (ҷ.з.) гурба доранд.

Машқи 2.Ҳарфҳои зеринро пайваст карда, калима созед:

د+ل+ب ن+ب+ل د+ل+ا+و د+ل+و

م+ه+ل ن+ا+ل ب+ل+ك ي+ل+ل ب+ل+ب+ل

ن+ن+ه+ل

Вазифаи хонагӣ. Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 24 (أَلدَّرْسُ الرَّابِعُ وَالعِشْرونَ)

Машқи 1. Ба расмҳо нигоҳ карда, нақл кунед:

Машқи 2.Қоидаи талаффузи ҷумлаҳои зеринро риоя карда, хонед. Онҳоро тарҷума кунед:

هذا مَنْزِلٌ. هذا مَنْزِلٌ كَبيرٌ. هذا هِرٌّ نادِرٌ. هُوَ هُنا. هذا أرْنَبٌ. هُوَ هُنا كَ.

Машқи 3. Калимаҳои зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо созед:

أنْتَ، أنْتِ، مَنْزِلٌ، تِلْميذٌ، تِلْميذَةٌ، نَباتٌ، إبْرَةٌ، كَلْبٌ، بُلْبُلٌ، بَلَدٌ، كَبيرٌ، مَكْتَبَةٌ

Вазифаи хонагӣ. Машқҳои 2 ва 3.

ДАРСИ 25(أَلدَّرْسُ الخامِسُ وَالعِشْرون)

С Сӣн(ун) س سـ ـسـ ـس

سِكّين корд, سَرير кат, سَهْلٌ осон, رَسْمٌ расм,

مَدْرَسَةٌ мактаб, دَرْسٌ дарс, بُسْتانٌ боғ, سَيّارَةٌ мошин,

رَأْسٌ сар, أسْوَدُ сиёҳ, سَماءٌ осмон, سَلامٌ сулҳ,

كُرسيٌّ курсӣ, مَسرورٌ хурсанд, إسْمٌ ном, سَبّورَةٌ тахта,

سَمَكٌ моҳӣ

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

س ـس ـسـ سـ

Машқи 2. Қоидаи талаффузи овозҳои арабиро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед. Онҳоро истифода бурда, 5 ҷумла созед:

سَلَامٌ، مَدْرَسَةٌ، بُسْتَانٌ، سَمَاءٌ، سَرِيرٌ، دَرْسٌ، سَهْلٌ، سَمَكٌ

Машқи 3. Ҳарфҳои зеринро пайваст кунед:

س+ل+ا+م ر+س+م م+د+ر+س+ة س+ه+ل

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1ва 3.



هذه مَدْرَسَةٌ



هذا سكينٌ

هذه سيارةٌ

هذه ساعة



هذه سِتارَةٌ



هذه سَلَّةٌ

هذا سريرٌ

هذا كرسيٌّ

ДАРСИ 26 (أَلدَّرْسُ السَّادِسُ وَالعِشْرونَ)

Машқи 1. Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед:

كُرْسِيٌّ سَبّورَةٌ دَرْسٌ مَدْرَسَةٌ أسْوَدُ سَوْداءُ مَسْرورٌ،

إسْمٌ

Машқи 2. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

هنا مَدْرَسَةٌ وَهُنا كَ مَكْتَبَةٌ. هذه مَدْرَسَةٌ كَبيرَةٌ. هذا دَرْسٌ أَوّلُ. هذا دَرْسٌ سَهْلٌ. هذه كَلِمَةٌ. هُنا تِلْميذٌ. لَهُ كِتابٌ. هُوَ مَسْرورٌ. إسْمُهُ بَهْرامُ . هُنا كَ تِلْميذَةٌ. لَها كِتابٌ. هِيَ مَسْرورَةٌ. إسْمُها زَيْنَبُ.

Машқи 3. Дар расм чӣ кашида шудааст?



Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 27 (أَلدَّرْسُ السَّابِعُ وَالعِشْرونَ)



Ш Шӣн (ун) ش شـ ـشـ ـش

شَمسٌ офтоб, شَوْكَةٌ чангол, شِتاءٌ зимистон, شابٌّ ҷавон, شُبّاكٌ тиреза, شايٌ чой, مَشْهورٌ машҳур, شارَةٌ нишон, مِشْمِشَةٌ зардолу, شَرِبَ вай (ҷ.м.) нӯшид, شَرِبَتْ вай (ҷ.з.) нӯшид

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ش شـ ـشـ ـش

Машқи 2.Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед:

شارَةٌ مَشْهورٌ شايٌ شُبّاكٌ

Машқи 3.Ҳарфҳои зеринро пайваст карда, калима созед:

ش+م+س ش+ه+ر ش+ا+ر+ة م+ش+ه+و+ر

ش+ب+ب+ا+ك

Вазифаи хонагӣ. Машқҳои 1, 2 ва 3.

هذا شبَّاكٌ هذه شوكةٌ هذا شايٌ

ДАРСИ 28 (أَلدَّرْسُ الثَّامِنُ وَالعِشْرونَ)

Феъли инкории ليس «не, нест»

لي كتابٌ ман китоб дорам.

لَيْسَ لِي كتابٌ ман китоб надорам.

لنا بَيْتٌ мо хона дорем.

لَيْسَ لَنا بَيْتٌ мо хона надорем.

Машқи 1.Ҷумлаҳои зеринро хонед ва тарҷума кунед:

هذا بُسْتانٌ كَبيرٌ. هذا مَيْدانٌ كَبيرٌ. هذا دَرْسٌ سَهْلٌ. هذا شُبَّاكٌ. هذا سَريرٌ. هذا كُرْسِيٌّ. هذَهَ سَبّورَةٌ سَوْدَاءُ. هذا تِلْميذٌ. هُوَ مَسْرورٌ. لَهُ شارَةٌ. هُوَ كاتِبٌ مَشْهورٌ..

Машқи 2.Калимаҳои зеринро истифода бурда ҷумлаҳо созед:

كاتِبٌ، مَشْهورٌ، بُسْتانٌ، مَدْرَسَةٌ، رَسْمٌ، سِكِّينٌ،
كُرْسِيٌّ، سُبُّورَةٌ

Машқи 3. Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед:

Ман гурба дорам. Ман гурба надорам.
Вай қалами сиёҳ дорад. Вай қалами сиёҳ надорад.
Мо курсӣ дорем. Мо курсӣ надорем.

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 2.

ДАРСИ 29 (أَلدَّرْسُ التَّاسِعُ وَالعِشْرونَ)



Ф Фā ’(ун) ف ـفـ ـفـ ف

فيلٌ фил, مَفْهومٌ фаҳмо, فَمٌ даҳан, مُفيدٌ фоиданок, نافِذَةٌ тиреза, فَهِمَ вай (ҷ.м.) фаҳмид, دَفْتَرٌ дафтар, فائدَةٌ фоида

Машқи 1. Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ف ـفـ ـفـ ـف

Машқи 2.Калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

دَفْتَرٌ، نافِذَةٌ مَفْهومٌ، مُفيدٌ، فيلٌ

Машқи 3. Ҷумлаҳои зеринро ба забони арабӣ тарҷума кунед:

Ин чист? Ин дафтар аст. Ман дафтар дорам. Ин дарс аст. Ин дарси фаҳмо аст. Ин тиреза аст. Ин фил аст.

Машқи 4.Ҳарфҳои зеринро номбар кунед:

ش س ف ن م ل

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1, 2 ва 3.

ДАРСИ 30 (أَلدَّرْسُ الثَّلاثونَ)

Қ ٌҚāф (ун) ق ـقـ ـقـ ق

قَرْعَةٌ каду, قَلَمٌ қалам, قَهْوَةٌ Қаҳва, قُنْفُذٌ хорпушт, مقْلَمَةٌ қаламдон, قَدِيمٌ кӯҳна, قاموسٌ луғат,قَريبٌ наздик, قَرْيَةٌ

қишлоқ, деҳа, قَليلٌ кам, وَقْتٌ вақт, سَقْفٌ шифт,

وَرَقٌварақ, أزْرَقُ кабуд, بَقَرٌ гов, مَقْفولٌ пӯшида,

يَقْرَأُ вай(ч.м.) мехонад

Машқи 1.Ҳар як шакли ҳарфи зеринро ба дафтаратон нависед:

ق ـقـ ـق

Машқи 2.Калимаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

قَلَمٌ، رَفيقٌ، وَرَقٌ، قَريبٌ، قَديمٌ، أزْرَقُ





Машқи 3. Калимаҳои зеринро истифода бурда, ҷумла созед:

رَفيقٌ، قَديمٌ، قَلَمٌ، مَقْفولٌ، أزْرَقُ

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1,2 ва 3.

ДАРСИ 31 (أَلدَّرْسُ الحادِى وَالثَّلاثونَ)

Исмҳо дар се ҳолат: номуайянӣ, муайянӣ ва изофӣ меоянд. Ҳолати номуайянӣ бо гирифтани анҷомаи танвинии (ун) ифода меёбад:

دَرْسٌ، قَرْيَةٌ، كِتابٌ

Исмҳои дар ҳолати муайянӣ дар аввали худ артикли أَلْ қабул мекунанд:

أَلْكِتابُ، أَلْقَرْيَةُ

Исмҳои хос артикл қабул намекунанд: مَرْيَمُ، دِمَشْقُ

Исми артикли أل дошта, танвин қабул намекунад.

Машқи 1.Калимаҳои зеринро бо артикли муайянии أل нависед:

بَيْتٌ، مَكْتَبَةٌ، مَنْزِلٌ، كُرْسِيٌّ، قَرْيَةٌ، قَلَمٌ، هِرٌّ، كَلْبٌ، وَرْدٌ



Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСИ 32 (أَلدَّرْسُ الثَّانِي وَالثَّلاثونَ)

Ҳарфҳои «шамсӣ» ва «қамарӣ»

Ҳарфҳои арабӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1)ҳарфҳои « шамсӣ»; 2)ҳарфҳои «қамарӣ». Агар калима бо ҳарфҳои гурӯҳи «шамсӣ» сар шуда бошад, ل-и артикли أل аз талаффуз соқит шуда, ҳарфи аввалини калима ташдид мегирад: أَلشَّمْسُ –’аш-шамсу

Агар калима бо ҳарфҳои гурӯҳӣ «қамарӣ» сар шуда бошад, ل-и артикли أل талаффуз карда мешавад: أَلقَمَرُ – ’ал-қамару.

Ҳарфҳои «шамсӣ»: ت ث د ذ ر ز س ش

Ҳарфҳои «қамарӣ»: أ ب ف ك م ه و ى

Алифи артикл дар аввали ибора ҳамчун «’а» бо ҳамза талаффуз карда мешавад: ’ал-калбу, ’ад-дарсу. Агар исми артиклдор дар дохили ибора ояд, ҳамза талаффуз карда намешавад: фӣ-л-байти.

Машқи 1.Қоидаи талаффузи артиклро риоя карда, калимаҳои зеринро хонед:

أَلأَبُ أَلأُمُّ أَلبَلَدُ أَلشَّمْسُ أَلدَّرْسُ أَلرَّأْسُ أَليَدُ أَلسَّلامُ أَللَّبَنُ

أَلْمَكْتَبَةُ أَلنَّهْرُ أَلكَلْبُ أَلكِتابُ أَلنَّافِذَةُ

Машқи 2. Ҳарфҳои шамсиро номбар кунед.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСИ 33 (أَلدَّرْسُ الثَّالِثُ وَالعِشْرونَ)

Муайянкунанда

Ҳангоме, ки исм бо сифат муайян карда мешавад, дар он сурат муайянкунанда баъд аз муайяншаванда омада, бо вай дар ҳолат, ҷинсият, шумора ва эъроб мувофиқат мекунад:

دَرْسٌ سَهْلٌ – أَلدَّرْسُ السَّهْلُ дарси осон

بُسْتانٌ كَبيرٌ – أَلبُسْتانُ الكَبيرُ боғи калон

مَدينَةٌ كَبيرَةٌ – أَلمَدينَةُ الكَبيرَةُ шаҳри калон

كِتابٌ جَديدٌ – أَلكِتابُ الجَديدُ китоби нав

مِقْلَمَةٌ جَديدَةٌ – أَلْمِقْلَمَةُ الجَديدَةُ қаламдони нав

قَلَمٌ أَسْوَدُ – أَلقلم الأَسْوَدُ қалами сиёҳ

Машқи 1. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва тарҷума кунед:

لي رَفِيقٌ. هُوَ هُنا. لَهُ كِتابٌ مُفِيدٌ. هذه نافِذَةٌ. هي مَقْفُولَةٌ. هذا بابٌ. هُوَ مَقْفُولٌ. لِي قَلَمٌ أزْرَقُ وَلَكَ قَلَمٌ أسْوَدُ. هذا دَرْسٌ سَهْلٌ. هذه كَلِمَةٌ مَفْهومَةٌ. هذه مَدِينَةٌ قَدِيمَةٌ. هُنا كَ مَيْدانٌ كبيرٌ. هُوَ كاتِبٌ مَشهورٌ. هذا بُسْتانٌ. هُنا كَ نَباتٌ نادِرٌ وَوردَةٌ نادِرَةٌ.

Машқи 2. Ибораҳои зеринро ба забони арабӣ тарҷума кунед:

Талабаи фаъол. Толибаи фаъол. Газетаи нав. Журнали нав. Хонаи калон. Мактаби калон.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСИ 34 (أَلدَّرْسُ الرَّابِعُ وَالعِشْرونَ)

Ҷумлаи исмӣ

Мубтадои ҷумлаи исмӣ дар аввали ҷумла ва дар ҳолати муайянӣ омада, хабари он бошад, дар ҳолати номуайянӣ меояд:

أَلقَلَمُ أسْوَدُ қалам сиёҳ аст.

أَلْكِتابُ مُفِيدٌ китоб муфид аст.

أَلْمَكْتَبَةُ كَبِيرَةٌ китобхона калон аст.

أَلْوَقْتُ قَلِيلٌ вақт кам аст.

Машқи 1.Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед:

أَلسَّبورَةُ سَوْداءُ . أَلدَّرْسُ سَهْلٌ . أَلتِلْمِيذُ مسرورٌ . أَلكُرْسِيُّ

أَسْوَدُ. أَلشِّتاءُ بارِدٌ. أَلْبَيْتُ قريبٌ. أَلبُسْتانُ هُنا . أَلمَكْتَبَةُ هُنا كَ.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 1.

ДАРСИ 35 (أَلدَّرْسُ الخامِسُ وَالثَّلاثونَ)

Машқи 1.Ҷумлаҳои зеринро ба арабӣ тарҷума кунед ва ба дафтаратон нависед:

Майдон калон мебошад. Китобхона инҷост. Мактаб наздик вст. Модар хурсанд аст. Нависанда машҳур аст. Калима фаҳмост.



Машқи 2. Ба расм нигоҳ карда, нақл кунед.

Машқи 3. Ҳарфҳои зеринро пайваст карда нависед:

ا+ل+ق+ا+م+و+س ا+ل+د+ر+س

ا+ل+ب+س+ت+ا+ن ا+ل+ي+د ا+ل+ش+ب+ب+ا+ك

Вазифаи хонагӣ: Машқҳои 1 ва 3.

ДАРСИ 36 (أَلدَّرْسُ السَّادِسُ وَالثَّلاثونَ)

Тасрифи исм

Исмҳо дар забони арабӣ се эъроб доранд: рафъ, ҷар(р) ва насб:

	Ҳолати номуайянӣ	Ҳолати муайянӣ
Рафъ	كِتابٌ مَدْرَسَةٌ	أَلكِتابُ أَلمَدْرَسَةُ
Ҷар(р)	كِتابٍ مَدْرَسَةٍ	أَلكِتابِ أَلمَدْرَسَةِ
Насб	كِتاباً مَدْرَسَةً	أَلكِتابَ أَلمَدْرَسَةَ

Вазифаи хонагӣ:

